# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи «Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пешниҳод шудааст**

Дар забоншиносии тоҷик тайи солҳои охир омӯзиш ва баррасии масъалаҳои мубрами шохаҳои гуногуни он вусъати тоза пайдо намудааст, ки аз ин фарзия ҷанбаҳои семантикии воҳидҳои луғавӣ низ дар канор нест. Дар ин замина, масъалаҳои мубрами семантикаи воҳидҳои луғавии забон аз таваҷҷуҳи муҳаққиқони соҳа дур намондааст ва дар ин самт аллакай таҳқиқоти судманди илмӣ рӯйи кор омадаанд. Омӯзиши ин бахш меҳварӣ буда, шакли дурусти воҳидҳои луғавӣ ва муайян намудани маъно яке аз вазифаҳои асосии воҳидҳои луғавӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, омӯзиши ин бахш ҷиҳати омӯзиш ва баррасии хусусиятҳои назариявии семантикаи воҳидҳо ва таркиби луғавии забон муҳим арзёбӣ мегардад.

Аз рӯйи ҳамин вижагиҳои забонӣ ва муҳимияти мавзуъ диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад муҳим буда, омӯзиши таҳқиқоти мазкур саривақтӣ буда, дар бахшҳои назарияи забон, луғатшиносӣ ва маъношиносии тоҷикӣ маҳсуб меёбад.

Мавзуи таҳқиқ, ки ба хусусиятҳои адабии осори Афзалуддин Хоқонии Шервонӣ, ки яке аз шоирони тоҷикзабони Озарбойҷон маҳсуб меёфт, бахшида шудааст. Таҳқиқу омӯзиш ва таҳлили паҳлуҳои гуногуни осори ин шоир аз ҷониби муҳаққиқони ватанию хориҷӣ анҷом дода шудааст, аммо вобаста ба масъалаҳои семантикаи воҳидҳои луғавӣ бори аввал аст.

Автореферати диссертатсия аз муқаддима се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт ташкил ёфта, бобҳои он дар навбати худ ба зербобҳо тақсим мешаванд. Дар муқаддима муаллиф муҳиммияти интихоби мавзуъро асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши таҳқиқ, мақсад ва вазифаҳо, навовариҳои кор, асосҳои методологӣ ва ҷанбаҳои назариявию амалии таҳқиқро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Боби **якуми диссертатсия**, ки «Доир ба маъно ва маъношиносӣ» номгузорӣ шуда, оид ба масъалаҳои назариявии мавзуъро дар бар гирифта, дараҷаи омӯзиши назариявии маъно ва маъношиносии луғавӣ маълумот медиҳад. Боби якум аз чор зербоб иборат аст ва зербоби аввали он «Заминаҳои ташаккулу рушди маъно ва маъношиносӣ» ном дошта, аз таърихи омӯзиши маъно, ҳамчунин, объекти таҳқиқи маъношиносӣ ва вижагиҳои он бо тақвият ба андешаҳои донишмандон

нишон дода шудааст. Зербоби дуюм «Шарҳи маънои луғавии калима» ном дошта, оид ба маънои луғавии калима ҳамчун воҳиди меҳварии забон сухан меравад. Зербоби сеюм бошад «Хусусияти навъҳои маънои луғавӣ» номгузорӣ шудааст. Дар ин зербоб хелҳои маънои луғавӣ ва хусусияти онҳо дар низоми луғатшиносиву маъношиносӣ нишон дода шудааст. Зербоби чорум «Ифодаи таносуби маъноӣ дар маъно» ном дошта, дар он масъалаҳои ҷойгоҳ ва мавқеи тарзи ифодаи таносуби маъноӣ сурат мегирад.

Боби **дуюми диссертатсия** «Таносуби маъноии воҳидҳои луғавӣ дар намунаи ашъори Хоқонии Шервонӣ» ном дошта, дар зербоби якуми он- «Хусусияти маъноӣ ва услубии муродифот» вобаста ба вижагиҳои луғавӣ-маъноӣ ва услубии хелҳои муродифот бо намунаҳои зиёд аз ашъори шоир маълумот медиҳад. Зербоби дуюм «Таносуби мутазоддӣ» ном дорад. Муаллиф кушиш намудааст, ки нигоришу корбурди навъҳои мутазод – луғавӣ ва матнӣ дар осори шоир дар заминаи намунабайтҳо таҳлил шудааст. Дар зербоби сеюми боби дуюм, ки «Мавқеи омонимҳо дар омӯзиши семантикаи воҳидҳои луғавӣ» номгузорӣ шудааст. Дар зербоби ниҳоии боби дуюм, вижагиҳои вожаҳои сермаъно дар таҳлили семантикаи воҳидҳои луғавӣ бо мисолҳои зиёд шарҳ ёфтааст.

Дар боби **сеюми диссертатсия** «Таснифоти мавзуии семантикаи воҳидҳои луғавӣ бар мабнои ашъори Хоқонии Шервонӣ» ном дорад ва аз 6 зербоб иборат аст. Асоси боби мазкур ба масъалаҳои вожаҳои ифодагари хулқу атвори неку бади шахс, ифодаи маънои вақту замон, вобаста ба вожаҳои ифодагари узви бадан, дар бораи хусусияти маъноии вожаҳои хешовандӣ, корбурди вожаҳои ифодагари шуғлу мансаб ва касбу кор, оид ба маънои луғавӣ ва коннотативии номи ҷонварон дар намунаи ашъори Хоқонии Шервонӣ бо мисолу далелҳои илмӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Ҷолибияти рисола дар он аст, ки нахустин маротиба ба таври мукаммали илмӣ вижагиҳои назариявии семантикаи воҳидҳои луғавӣ бар мабнои ашъори Хоқонии Шервонӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Дар диссертатсия, дар маҷмуъ 7 нақша-расм истифода шудааст.

Хулоса ва натиҷагириҳои муҳаққиқ мушаххассан банд ба банд ҷамъбаст шуда, мазмуни ягонаи кори илмиро нишон медиҳад. Феҳристи адабиёти илмӣ мутобиқ ба мавзуи матраҳшуда буда, истинодҳо барои тақвияти пешниҳоди илмӣ мувофиқ ба матлаб истифода шудаанд.

Автореферати **Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи «Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)»** аз муҳимтарин натиҷаҳои амалии таҳқиқи бадастомадаи таҳқиқи диссертатсионии

муҳаққиқ буда, аз 6 банд иборат аст ва дар охири ҳар як банд ба мақола ва таълифоти муҳаққиқ нишон дода шудааст. Дар маҷмуъ, таҳқиқи диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, барои ҳалли масъалаҳои мубрами забоншиносӣ кушиши саривақтӣ ва арзишманд маҳсуб меёбад.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чопнамудаи муҳаққиқ мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд.

Таҳлилу муҳокима ва натиҷагириҳои муаллифи диссертатсия аз ҳар ҷиҳат ҷолиби диққат мебошад. Маълум мегардад, ки диссертатсия дар заминаи таҳлили маводи фаровони илмию бадеӣ анҷом ёфта, муаллиф ба мақсади ниҳоии худ комёб гардидааст. Дар баробари муваффақиятҳои бадастомада дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо мушоҳида шудаанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошанд:

1.Ба назари мо, беҳтар мебуд, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ бояд дар асоси мавзуи мавриди таҳқиқ андешаронӣ намуда, натиҷаҳои амалии таҳқиқро ба таври муфассал дар бандҳои зиёд шарҳ медод;

2. Диссертант адабиёти зиёди илмиро истифода кардааст, вале аз чӣ бошад, ки аз муҳаққиқони машҳури дохиливу хориҷӣ хеле кам иқтибос овардааст;

3. Дар саҳифаҳои 3, 4, 5, 6, 19, 23, 36-и автореферат ғалатҳои имлоиву китобатӣ ва техникӣ ба чашм мерасанд.

4. Ҳаҷми матни автореферати диссертатсия 45 саҳифаро ташкил намудааст, аз нигоҳи мо ва мувофиқи талаботи КОА зиёд аст.

Мавриди зикр аст, ки камбудиву нуқсонҳои зикршуда характери ҷузъӣ дошта, ислоҳшавандаанд ва қимати илмии диссертатсия ва фишурдаи онро ба ҳеҷ ваҷҳ намекоҳонанд.

Ҳамин тариқ, диссертант кӯшидааст он мақсад ва вазифаҳое, ки дар пажӯҳиши мавзуи мавриди назар гузоштааст, иҷро намояд ва муваффақ ҳам шудааст. Муаллиф дар равиши таҳқиқ бо тақвият аз назарияҳои илмӣ вобаста ба маъно, маъношиносӣ, семантикаи воҳидҳои луғавӣ, хусусияти навъҳои маънои луғавӣ, парадигматикаи луғавӣ-маъноӣ, радабандии мавзуӣ, баррасии мисолҳо, ҷамъоварии теъдоди зиёди мавод барои намуна, навиштани мақола малакаву дониши хешро сарф намудааст.

Бо назардошти афзалиятҳои болозикр, диссертатсияи Шафоати Сангиҳмад дар мавзуи **«Семантикаи воҳидҳои луғавӣ (бар мабнои осори Хоқонии Шервонӣ)»** ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) ва

Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филология, дотсент,
директори Филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб Шаҳбоз Рустамшозода
«25» майи соли 2026

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Ҳофиз Шерозӣ
14/33, хуҷраи 34
Тел.: (+992) 988-49-10-10
E-mail: rustamshoh-90@bk.ru

Имзои Шаҳбоз Рустамшозодаро
тасдиқ мекунам:
Мудири шуъбаи кадрҳо ва котиботи
ФМДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоб Холов Муҳаммадҷон

Суроға:735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Ҳамадонӣ 5
Телефон: (83322) 2-59-35
Сомона: https://takmil-kulob.tj
E-mail: filiali-dti-kulob@internet.ru
«25» майи соли 2026